**Тақризи**

муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Юсупов Шоҳин Раҳимбердиевич дар мавзӯи «Хусусиятҳои морфологии «Ҷомеъ-ут-таворих», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) –доктор аз рӯйи ихтисос, аз рӯйи ихтисоси 6D 020500 – Филология (6D 020502-забони тоҷикӣ) пешниҳод шудааст.

Забони тоҷикӣ дар тӯли таърихи зиёда аз ҳазорсолаи худ тавонистааст, ки хусусиятҳои умдаи луғавӣ ва сарфиву наҳвии худро аз таъсирҳои мустақим ва ғайри мустақими дохиливу берунӣ ҳифз намояд, ки дар ин амал саҳми осри назмиву насрии гузаштагон хеле бориз аст. Осори хаттии ниёгонамон, сар карда аз осори қабл аз истилои араб ва махсусан баъди истилои онҳо, дар эмин мондани забони адабии тоҷикӣ ва ҳама паҳлӯҳои он ба ҳайси сарчашмаи муҳимтарин эътироф шудаанд. Бо дақиқ омӯхтани ҳар як асари адабиву таърихӣ ва илмӣ муҳаққиқон як гиреҳи нокушудаи забони адабии имрӯзаро мекушоянд ва барои ғанӣ гаштану таҳким ёфтани он пойдевори устувор бунёд мекунанд.

Ёдовар шудан ба маврид аст, ки пажӯҳиши проблемаҳои гуногуни таърихи забони тоҷикӣ аз солҳои 50-уми қарни гузашта шурӯъ шуда, олимони ватаниву хориҷӣ, ба монанди Б. Ниёзмуҳаммадов, Б. Сиёев, Х. Ҳусйенов, М. Н. Қосимова, Р. Султонов, Г. Камолова, Л. П. Смирнова, Ю. А. Рубинчик ва дигарон оид ба хусусиятҳои сарфиву наҳвии забони тоҷикӣ асарҳои ҷудогона ва мақолаҳои илмӣ нашр кардаанд.

Дар миёни ҳама осори пурарзиши насрии гузаштагон асари донишманди асри XIII- XIV Рашидуддин Фазлуллоҳи Ҳамадонӣ бо номи «Ҷомеъ-ут-таворих», ки ба таърихи пайдоиш ва ташаккули ақвоми муғул бахшида шудааст, яке аз сарчашмаҳои боэътимод ва муҳимми ғановати забони тоҷикии замони худ ва имрӯз маҳсуб мегардад.

Оид ба асари мазкур дар забоншиносии тоҷик ковишҳои хеле кам анҷом дода шудааст. Дар пажӯҳиши Ш. Юсупов «Хусусиятҳои морфологии «Ҷомеъ-ут-таворих» бори нахуст дар забоншиносии тоҷик оид ба хусусиятҳои морфологии асари мазкур изҳори ақида гашта, таҳқиқоти ҷиддие ба анҷом расонида шудааст. Муаллифи рисола хусусиятҳои морфологии ҳамаи ҳиссаҳои мустақил ва ёварро таҳлилу таҳқиқ карда, дар асоси далелҳои аз «Ҷомеъ-ут-таворих» ҷамъоваришуда ба таври илмӣ натиҷагирӣ кардааст.

Сохти рисола ва усули пажӯҳиши муҳаққиқ барои ҳаллу фасли масъалаҳои дар пеши худ гузоштаи муаллиф мусоидат мекунанд. Рисола дар 145 саҳифаи матни компютерӣ бо забони тоҷикӣ таълиф шуда, аз

муқаддима, се бобби таҳқиқоти худи муаллиф, хулоса ва феҳристи адабиёт иборат мебошад.

Дар муқаддима ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқот, бозёфти илмӣ ва аҳамияти актуалии мавзӯи рисола оварда шуда, дараҷаи омӯзиши мавзӯъ, усулҳои пажӯҳиш, аҳамияти назариву амалии таҳқиқот хеле дақиқ ва муфассал баён шудааст. Муҳаққиқ нуқтаи назари донишмандони ватаниву хориҷиро атрофи масоили баррасишаванда омӯхта, таҳлил намуда, андешаҳои худро ҷиҳати ин ё он масъала иброз доштааст.

Ҳамин тавр, боби якуми рисола «Хусусиятҳои морфологии ҳиссаҳои номии нутқ» номгузорӣ шуда, аз 4 зербоб ташкил ёфтааст. Дар қисми аввали ин боб оид ба хусусиятҳои морфологии исм таҳқиқоти илмӣ анҷом дода шуда, дар оғоз оид ба категорияҳои грамматикии умуман ҳиссаҳои нутқ ва аз ҷумла исм изҳори ақида намуда, соҳибрисола қайд кардааст, ки дар асари мавриди назар категорияи номуайянии исм монанди забони адабии муосири тоҷикӣ ҳамон артикли – ***е*** мебошад. Ба андешаи муаллиф вазифаи ин артикл дар муқоиса бо асрҳои гузашта маҳдуд шуда, сирф вазифаи ифодаи номуайяниро ба дӯш гирифтааст. Дар асар ибораҳое, ки бо иштироки артикли – ***е*** сохта шудаанд, аз рӯйи қолаб ба ибораҳои исмии изофӣ шабоҳат доранд.

Дар асар ҳамчунин аз дигар воситаҳои ифодаи номуайянӣ низ истифода шудааст, ба монанди таркибҳои **ҳар як** ва **яке аз** мебошанд, ки тобиши номуайяниро ифода кардаанд: ҳар як номе ва лақабе (саҳ.35) ва яке аз пешвоён (саҳ179). Ҷонишини номуайянии чанд низ ин вазифаро иҷро кардааст (… чанд рӯзе фармудӣ (саҳ.151).

Муаллиф оид ба категорияи ҷамъ сухан ронда, қайд кардааст, ки дар асар асосан ҳамон пасвандҳои ҷамъбандии маъмул (-ҳо ва –он (-ён) серистемол буда, пасванҳои арабии ***–от (-ёт)*** низ мавриди истифода қарор дода шудаанд (истилоҳот, с. 67, маҳалот, с. 239, мавҷудот, 22).

Дар асари мавриди таҳқиқ ҷамъбандии шикастаи арабӣ низ серистеъмол буда, асосан шаклҳои **афъол (**ахбор, анвоъ с. 63); **фуъало** (ҳукамо, уламо, с. 123); шакли мафоъил (қабоил с. 48, мамолик с. 64) зиёдта ба назар мерасанд.

Дар зербоби дуюм хусусиятҳои морфологии сифат ба риштаи пажӯҳиш кашида шуда, ҷиҳатҳои умдаи он муайян гаштаанд, барои ифодаи дараҷаҳои сифат аз пасвандҳои -**тар, -тарин** ва вожаи **бағоят** истифода шудаанд: машҳуртар (с.168); машҳуртарин (с.210); бағоят гирд (с.188) ва ғ.

Ҳамин тартиб, оид ба хусусиятҳои морфологии шумора дахл карда, муаллифи рисола оид ба шумораҳои миқдорӣ, аслӣ, касрӣ, тахминӣ, тартибӣ ибрози назар намуда, аз ҷумла оид ба истифодаи шуморҳои касрӣ

дар асар менависад, дар асар шуморахои касрӣ бо вожаҳои як **ва ним (нима)** –сохта шудаанд: ба ду солу ним (с.158); як нима аз дасти рост як нима ба дасти чап (саҳ. 36). Ба андешаи мо, дар ин ҷо таркиби як нима шумораи касрӣ буда, дар осори ниёгон ва забони адабии муосир хеле кам мавриди истифода қарор гирифтааст ва зиндаву маъмул гардонидани он мувофиқи мақсад аст.

Муаллифи рисола оид ба мавқеи истифода ва интихоби ҷонишинҳо дар асари мавриди таҳқиқ сухан ронда, тамоми паҳлӯҳои онро дар муқоиса бо соири осори қадима ва забони адабии имрӯзаи тоҷикӣ бо мисолҳои мушаххас нишон додааст. Дар рисола атрофи масоили морфологии ҷонишинҳои шахсӣ, нафсӣ-таъкидӣ, ишоратӣ, таъйинӣ, номуайянӣ, саволӣ, манфӣ ва муштарак таҳқиқот анҷом пазируфтааст. Махсусан, оид ба дараҷаи омӯзиши ҷонишин дар забони тоҷикӣ чӣ аз ҷиҳати таърихӣ ва чӣ аз назари иимрӯзӣ маълумоти илмии мукаммал додааст, ки аз дониши қавии соҳибрисола дар ин самт гувоҳӣ медиҳад.

Боби II «Хусусиятҳои морфологии феъл ва зарф» унвон гирифта, аз ду зербанд таркиб ёфтааст. Дар зербанди аввал хусусиятҳои морфологии феъл таҳқиқ шуда, оид ба дараҷаи омӯзиши паҳлӯҳои мухталифи он, ба монанди шаклҳои тасрифнашавандаи феъл, шаклҳои синтетикӣ, сиға ва намудҳои он, асосҳои феъл, сохти феълҳо, тасрифи феъл, масдар, сифати феълӣ, феъли ҳол аз тарафи забоншиносони ватаниву хориҷӣ изҳори ақида намуда, мавқеи онҳо дар асари Рашидуддин Фазлуллоҳи Ҳамадонӣ бо номи «Ҷомеъ-ут-таворих» бо мисолҳои мушаххас баён шудаанд.

Муаллиф махсусан арзиши асарҳои забоншиносони маъруф Б. Сиёев «Очеркҳо оид ба феъли забони адабии тоҷик» (1968), С. Ҳалимовро «Таърихи забони адабии тоҷик» (2002) хеле баланд арзёбӣ кардааст.

Дар «Ҷомеъ-ут-таворих» ҳангоми корбурди феъл ҳолатҳое дучор мешаванд, ки ба сабки фардии муаллиф хосанд, вале асар аз хусусиятҳои умумии насри замони худи муаллиф низ бархӯрдор мебошад ва то андозае аломатҳои забони адабии классикиро инъикос мекунад.

Муаллифи рисола ба шаклҳои синтетикии феъл феълҳоеро дохил кардааст, ки аз рӯйи сохт содаанд ва ҳам аз асоси феъли замони ҳозира ва ҳам аз асоси замони гузашта сохта мешаванд ва барои мисол феъли **гир** ва муштақоти онро **(гирад (бигирад), мегирад ва бигирифт ва нагирифтро** бо истинод аз асари мавриди таҳқиқ пешниҳод намудааст: фуру гирад (с. 77), нагирифтаӣ (с. 195).

Доираи корбурди сиғаҳои феълӣ низ ба таври мушаххас таҳлилу баррасӣ ва мавқеи истифодаи онҳо дар асари таҳқиқшаванда муайян карда шудадааст. Сиғаи хабарӣ серистеъмол буда, дар асар шакли

мазкур бо тарзҳои нагуфтандӣ (с. 127), бастандӣ (151), омадандӣ (с.175) оварда шуда, дар ин бобат байни «Ҷомеъ-ут-таворих» ва забони адабии муосири тоҷикӣ тафовут нест. Дар зербобҳои минбаъда оид ба навъҳои сохтории феъл сухан рафта, таъкид шудаст, ки дар сохтани феълҳои сохта пешванди **бар-**хеле серистеъмол аст: барменишонда (с.57), барнишастанд (32). Ҳамчунин пешвандҳои дар («antar»), боз-, фур- низ зиёд дучор мешаванд.

Шаклҳои тасрифнашавандаи феъл низ ба қадри зарурӣ омӯхта шуда, сатҳи корбурди онҳо дар асар муайян карда шудааст: масдар - ош хӯрдан (с. 38), ғорат кардан (с. 68); сифати феълӣ дар асар ба таври зайл корбаст шудааст: бо пасвандҳои **-а ва –гӣ:** дилмондагӣ (34), фармуда (с.207).

Дар зербоби дуюми ҳамин боб масъалаи хусусиятҳои морфологии зарф ва инъикоси ин аломатҳо дар «Ҷомеъ-ут-таворих» объекти таҳқиқ қарор гирифтааст. Дар аввал дараҷаи омӯзиши зарф ҳамчун ҳиссаи мустақили нутқ баррасӣ шуда, муаллиф махсусан ба нуқтаи назари донишмандони маъруфи кишвар Д. Саймиддинова ва Р. Додихудоев такя кардааст. Тавре ки донишманди маъруфи соҳаи забоншиносӣ М. Н Қосимова таъкид кардааст «зарф ҳиссаи мустақили нутқ аст, дар забони осори асрҳои IX - X истеъмоли зиёд надорад» (26. с. 199). Ин ақидаро забоншинос Б. Шарифов аснои таҳқиқи хусусиятҳои сарфии «Бадоеъ-ул-ваҳоеъ» низ ҷонибдорӣ намуда, сабаби минбаъд зиёд гаштани миқдори зарфҳоро дар забони тоҷикӣ ба зарф гузаштани дигар ҳиссаҳои нутқ ва калимаҳои зарфии арабӣ медонад.

Соҳибрисола зарфҳои дар «Ҷомеъ-ут-таворих» истифодашударо ба гурӯҳҳои зарфҳои миқдору дараҷа, тарзи амал, замон, макон ва мақсад ҷудо карда, мавқеи истеъмоли ҳар кадоми онро дар асар бо мисолҳои дақиқ мушаххас кардааст.

Боби сеюм «Хусусиятҳои морфологии ҳиссаҳои ёвар» ном дошта, оид ба хусусиятҳои морфологии пешояндҳо (пешоянди **аз, ба, бар, бо, дар, то, аз рӯйи**), пасоянди**–ро**, пайвандакҳои пайвасткунанда (**ва, -у**), пайвандакҳои тобеъкунанда (**ки** ва муштақоти вай), ҳиссача ва нидо баҳс мекунад. Муаллифи рисола баъди таҳлилу таҳқиқи мавзӯи мазкур ба хулосае омадааст, ки дар «Ҷомеъ-ут-таворих» ин гурӯҳи ҳиссаҳои нутқ бо хусусиятҳои хоси худ аз осори хаттии дигар ва забони адабии муосир фарқ мекунанд. Дар асар пешояндҳои иқтибосӣ аз забони арабӣ, монанди **«мин»**, **«фи»**, **«ба»**, **«маа »**, **«ми»** низ дида мешаванд.

Дар охир, ҳаминро бояд қайд кард, ки дар хулоса тамоми натиҷагириҳои муаллиф ва мазмуну мундариҷаи рисола ба таври илмӣ, мухтасар ва мушаххас баён гашта, дар маҷмӯъ хулосаи диссертатсия натиҷаи таҳқиқоти

Юсупов Шоҳинро пурра инъикос мекунад. Феҳристи адабиёти илмӣ (иборат аз 92 сарчашма бо забони тоҷикӣ, 43 адад бо забони русӣ, як адад бо забони англисӣ, 5 адад бо забони форсӣ (алифбои ниёгон), як адад бо забони ӯзбекӣ), фарҳангҳо тибқи талаботи мавҷуда оварда шудааст.

Диссертатсия бо забони суфта ва равони илмӣ таълиф шуда, матолиби мавриди назар хеле мушаххас, илмӣ баён гардидааст. Муҳокимаронииҳои олими ҷавон қотеъ буда, дар баъзе мавридҳо ба нуқтаи назари мавҷудаи донишмандон баҳс намуда, пешниҳод ва назари дурусти илмии хешро баён сохтааст. Дар рисола маводи фаровони китоби «Ҷомеъ-ут-таворих» бо мисолҳо оварда шуда таҳлилу ташреҳ ва муқоиса шудаанд.

Бо ҳамин, мо аз зикри муфассали комёбиву дастовардҳои муаллифи рисола худдорӣ намуда, баъзе аз норасоиҳои дар рисола ҷойдоштаро қайд мекунем:

1. Дар асар ғалатҳои техникӣ ва имлоӣ ба назар мерасад (саҳ. 34, 77, 86, 103).
2. Дар баъзе ҷумлаҳо мувофиқат накардани мубтадо ва хабар дар шахсу шумора (саҳ. 36, 57, 123).
3. Дар бораи шаклҳои калимасозии (қолабҳои) арабӣ сухан ронда, барои қолаби афъол вожаҳои сифот ва ҳукомро мисол овардааст, барои қолаби фаъл аз қолаби дигар (фуъул) қолаб мисол оварда шудааст-мулук, кутуб, ки ба андешаи мо нодуруст аст (саҳ. 34).
4. Фарқияти хусусиятҳои сарфии рисолаи «Ҷомеъ-ут-таворих» дар муқоиса аз осори дигари таърихии бо забони тоҷикӣ-форсӣ таълифшуда дар рисола чандон возеҳ инъикос наёфтааст.
5. Дар фишурдаи рисола низ ғалатҳои техникӣ ва имлоӣ дида мешаванд (саҳ. 4, 6, 24).

Эродҳои зикршуда, чандон арзиши принсипалӣ надоранд ва дастовардҳои илмии муҳаққиқро намекоҳонанд, зеро рисолаи Шоҳин Юсупов як пажӯҳиши анҷомёфтаи пурарзиш аст. Натиҷагириҳои илмӣ ва пешниҳоду тавсияҳои судманди олими ҷавон дар роҳи омӯзиши минбаъдаи бахшҳои сарфу наҳви забони тоҷикӣ аз нуқтаи назари таърихӣ, омӯзишу пажӯҳиши осори адабиву таърихии классикон ва рушду нумӯи забони форсӣ-тоҷикӣ мусоидат хоҳад кард. Ба назари мо, маводи диссертатсияро дар раванди таълими донишҷӯёни соҳаи таърихи забони тоҷикӣ ва дар фаъолияти мутахассисони ҳамин самти пажӯҳиш мавриди истифода қарор додан мумкин аст.

Фишурдаи рисола муҳтавои рисоларо дар бар гирифта, нуқтаҳои асосии назариву амалии муаллиф дар мақолаҳои нашрнамудааш таҷассум ёфтаанд.

Хулоса, баъд аз мутолиа ва таҳлили рисолаи Юсупов Шоҳин дар мавзӯи «Ҷомеъ-ут-таворих»-и Рашидуддин Фазлуллоҳи Ҳамадонӣ, ба сифати муқарризи расмӣ иброз медорам, ки рисолаи мазкур дар сатҳи баланди илмӣ таълиф шуда, муаллифи он сазовори дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) –доктор аз рӯйи ихтисос, аз рӯйи ихтисоси 6D 020500 – Филология (6D 020502-забони тоҷикӣ) мебошад.

Муқарризи расмӣ,<br>
дотсенти кафедраи забони тоҷикии<br>
Донишгоҳи давлатии тиббии<br>
Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино,<br>
номзади илмҳои филология Юсупов Абдулло Исмоилович

Сана: 25.11.2020<br>
Суроға: ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 139,<br>
Донишгоҳи давлатии тиббии<br>
Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино<br>
Тел: (+992) 985 63 64 65

Имзои Юсупов Абдулло Исмоиловичро тасдиқ мекунам,<br>
Сардори раёсати рушди кадрҳои<br>
Донишгоҳи давлатии тиббии<br>
Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино Абдуллозода С. М.

ШӮЪБАИ КАДРҲО